# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии пешрафти босуръати илму техника, раванди татбиқи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи қобилияти озодона фикр кардан ва баҳо додан ба ҳодисаҳо, аз нигоҳи эҷодӣ баррасӣ намудани барномаҳои таълимӣ ва иттилоот, қобилияти тафаккури интиқодӣ доштан, пайдо намудани ҳалли ғайристандартӣ дар вазъиятҳои мукаррарӣ, пешгуӣ карда тавонистани хусусиятҳо ва рафти дигаргуниҳо салоҳиятҳои асосии шаҳрванди асри нави ба ном асри иттилоот маҳсуб ёфта, равандҳои ҳадафмандонаи педагогии таълиму тарбия насли наврас ба зиндагии оянда, ки ҳадафи асосии таҳсилоти муосир ба шумор меравад, мебошад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгор ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин ҷанбаҳои педагогии ташаккули имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ва, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар ин самт дар илми педагогикаи миллӣ номид.

Муҳаққиқ Аминов М. нақши ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, вазъ ва раванди татбиқи такмили ихтисоси омӯзгорон, мавзуъ ва объекти таҳқиқотро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда шаҳодати онанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия дар асоси таҳлили сарчашмаҳои психологию педагогӣ мазмуни мафҳуми «ҳаракати касбии омӯзгорон»-ро аниқ ва сохтори онро муайян карда, хусусиятҳои фарққунандаи ҳаракати касбии омӯзгоронро ошкор карда, шароити педагогие, ки барои бомуваффақият ташаккул додани ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ заруранд, асоснок кардааст; модели ташаккули ҳаракати касбии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия карда шуда, самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ санҷидааст; технологияҳои инноватсионии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабиро таҳия кардааст; имкониятҳои дидактикии такмили ихтисоси дохилимактабӣ оид ба ташаккули ҳаракати касбии омӯзгоронро муайян кардааст; самаранокии модели ташаккули ҳаракати касбии онҳоро тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ба таври озмоишӣ санҷидааст.

Гузашта аз ин, ба назари банда, кори аз ҳама манфиатборе, ки дар раванди таҳқиқот довталаб анҷом додааст, ин омӯзиши низоми омодасозии омӯзгорон ва муайян намудани мушкилоте, ки онҳо дар раванди ташаккули ҳаракати касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ дучор меоянд буда, ба ин васила муаллиф ошкор кардааст, ки дар низоми анъанавии таълиму тарбия дар мактаб такмили ихтисоси дохилимактабӣ кифоя намебошад. Вобаста ба ин, довталаб омил ва сабабҳои ба ин монанд ҳолатҳоро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ба манзури мусоидат ба ислоҳи вазъ дар ин ҷода амсилаҳои муносибу мувофиқи методиву омӯзиширо коркард ва манзури омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар кардааст, ки аз арзишу аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ далолат мекунад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабиро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, маҷмӯи маводҳои таълимию методӣ барои курси мазкур (барномаҳо, дастурҳои таълимӣ ва методӣ) омода кардааст, ки ба фаъолияти касбӣ дар мактабҳо нигаронида шудаанд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдиновичро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои педагогӣ, директори
Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии
таълимию методии назди Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Ш.

14.03.2025

**Маълумот барои тамос:** 734025, ҶТ, ш.Душанбе, кӯчаи А. Дониш 50 Тел: +992 (93) 8039392; E-mail: shavkatnormatov@mail.ru.

*Имзои Каримзода Шавкатро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
*МҶТМ ВМИ ҶТ* Ҷумаев Ҷ.

ШУЪБАИ КАДРҲО